# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи «Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.**

Истиқлолият дар ҷабҳаҳои гуногуни Тоҷикистони тозабунёд дигаргуниҳои азимеро ба вуҷуд овард. Замони нав, мавқеи нав, рафтору муносибати навро талаб мекунад. Дар соҳаи таълиму тарбия низ дигаргуниҳо, фикру мулоҳизаҳо, муносибатҳои нави педагогӣ пайдо шуданд. Имрӯз бояд омӯзгор ба куллӣ тағйир ёбад. Дар чунин як вазъияти мусоиди таърихӣ рушди касбии омӯзгорон ҷиддитар ба миён гузошта мешавад. Роҳи ноил шудан ба ин мақсад такмили раванди таълиму тарбия дар низоми такмили ихтисос, бунёди фазои фараҳмандӣ, рӯҳбаландӣ, лаҳзаҳои комёбӣ барои шунавандагон, вазъияти ҷустуҷӯ ва таҳқиқоти таълимию методӣ дар раванди таҳсилот мебошад.

Такмили ихтисос марҳалаи муҳимтарини рушди маҳорати касбии омӯзгор мебошад. Дар муассисаҳои олӣ хатмкунанда ҳаҷми муайяни донишҳои умумӣ ва махсусро ҳосил мекунад ва дар низоми такмили ихтисос асосҳои маҳорати педагогиро, ки таҳкурсии ташаккул ва рушди салоҳияти касбӣ мебошанд, сайқал медиҳад. Таҳсилоти имрӯза дар заминаи принсипҳои асосӣ – диққати махсус додан ба сифати таълим, баланд бардоштани дараҷаи дастрасии таҳсилот ва таъмини таҳсилоти муттасил тавассути худомӯзӣ ва курсҳои такмили ихтисос равона шудааст.

Барои расидан ба ин ҳадаф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир як қатор чорабиниҳо рӯйи кор омадаанд, аз ҷумла таҳия ва татбиқи Стандартҳои ба муносибати босалоҳият нигаронидашуда, бо дастгирии лоиҳаву барномаҳои мухталиф аз рӯйи масъалаҳои таълими интерактивӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда, таълими ҳамгиро аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон, ки дар маҷмӯъ барои беҳтар намудани сифати таълим мусоидат

менамоянд. Муассисаҳои такмили ихтисос ба рушди маҳорати касбии омӯзгорон машғуланд, ки мувафаққияти таҳсили хонандагон аз онҳо вобастаанд. Омӯзгор нисбат ба таълиму тарбияи насли наврас шахси масъул ва дар назди ҷамъият ҷавобгар аст. Вале барои тарбияи бенуқсони насли наврас худи омӯзгор бояд ҷӯянда ва мушкилкушои пешаи худ буда, ҳамеша дар омӯзиш ва рушди касби хеш бошад.

Дар робита ба фикрҳои боло муҳиммияти таҳқиқоти аз ҷониби Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон анҷомшуда, бебаҳс аст. Дар айни замон низоми такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд ба ташаккули шахси фаъоли иҷтимоӣ ва касбӣ, ки дорои салоҳиятҳои баланд бошад, равона карда мешавад, ки имкон медиҳад омӯзгор худро ҳамчун субъекти ҳаёт ва фаъолияти касбӣ ифода карда тавонад. Тавре муаллиф қайд мекунад, маҳз талаботи амалӣ нисбат ба ангезиши такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити имрӯза интихоби мавзӯи таҳқиқотро асоснок намуданд. Дар асоси омӯзиши адабиёти психологию педагогӣ ва методӣ муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки масъалаи зикршуда объекти омӯзиши махсус набудааст.

Мазмуни автореферати пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки сатҳи кофии омодагии Каримӣ Ш. А. ба омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи рӯзмарраи илмӣ дар раванди такмили ихтисос мусбат арзёбӣ карда шавад.

Мундариҷаи автореферат рафти кор ва натиҷаҳои таҳқиқотро мантиқан инъикос мекунад ва хулосаҳои кор аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва дар ҷараёни кори таҷрибавӣ исбот шудаанд.

Ба натиҷаҳои назарраси кори муаллиф: муайян кардани моҳияти муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосири рушди маориф; асоснокунии шароитҳои психологию-педагогии таъсиррасон ба ташаккули муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорон; озмоиш ва санҷиши технологияи ташаккули муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорон дохил мешаванд.

Аз мазмуни автореферат маълум мегардад, ки диссертант масъалаҳои мубрами диссертатсияро аз ҷиҳати назарӣ фаро гирифта, дар он муносибати ангезандагӣ, ангезиш аз рӯи адабиётҳои психологиву педагогӣ, нақши ангезиш дар фаъолияти педагогӣ, истилоҳи ангезиш ва ангезандагӣ дар илм, талабот ҳамчун омили асосии ангезандагӣ, мақоми салоҳияти касбӣ дар муносибати ангезандагии такмили ихтисосро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, роҳҳои самаранокии такмили ихтисоси омӯзгорон, амсила ва таъсири такмили ихтисоси омӯзгорон дар маърифатнокии хонандагони синфҳои ибтидоиро муфассал таҳлил намудааст. Фаъолияти тадқиқотии дар ин самт анҷомшуда метавонад, дар самаранокии муносибати ангезандагии такмили ихтисос ҳиссагузор бошад.

Коркарди меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои муайян кардани сатҳи муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқ барои арзёбии сатҳи ташаккули сатҳи ангезандагӣ ва касбии шунавандагони курсҳои такмили ихтисос таҳия шудааст, аҳамияти амалии намоён дорад ва метавонад ҳамчун маҷмӯи воситаҳои ташхисӣ дар соҳаи такмили ихтисос истифода шавад.

Автореферати муаллиф маълумоти боварибахшеро аз натиҷаи таҳлили таҷрибавии татбиқи амсилаи модулии инкишофи салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули маърифатнокии хонандагон пешкаш мекунад, ки дар ҳошияи шароитҳои муайяни педагогӣ як қатор вазъиятҳои умумипедагогӣ барои ангезонидани шунавандагони курсҳои такмили ихтисосро инъикос мекунад.

Рисолаи пешниҳодшуда ба самти Шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА - 046 назди муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» мувофиқат мекунад ва ба талаботи рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқат мекунад.

Муаллифи рисолаи илмии «Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» Каримӣ Ш. А. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, мудири кафедраи
умумидонишкадавии фанҳои
ҷомеашиносии Донишкадаи
илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд — Абдусамадова Мунира Абдуғаффоровна

Имзои Абдусамадова Мунира Абдуғаффоровнаро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд — Хоҷаева Г.Х.

ШУЪБАИ КАДРҲО

20.12.2023

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Хуҷанд,
маҳаллаи Навбаҳор, микроноҳияи 34. Тел. 926410074;
E-mail: munirahon74@mail.ru